# ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22- - Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ)**

Дар забоншиносии муосири тоҷик пажӯҳиши истилоҳоти соҳавӣ яке аз масъалаҳои рӯзмарра мебошад, зеро чунин тадкикот имкон медиҳанд, то истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ бо забони тоҷикӣ тавзеа ёбад. Дар истилоҳшиносии тоҷик яке аз соҳахое, ки таърихи инкишофи истилоҳҳояш таҳқиқ нашуддаст, мусиқӣ мебошад.

Кори диссертатсионие, ки аз ҷониби Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар хусуси таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ ба анҷом расонида шудааст, барои истилоҳшиносии тоҷикӣ хеле муҳим ва саривақтист. Муаллиф ба ҳайси муҳаққиқ хуб дарк намудааст, ки истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ бо роҳу василаҳои мухталифи калимаву истилоҳсозӣ сохта мешаванд.

Маводи асосии диссертатсияро рисолаҳои мусиқӣ ва осори илмию адабии гузаштагони мардуми тоҷик ташкил додааст.

Дар бахши «Шарҳи умумии кор» ҳамаи талаботҳои вобаста ба таҳияи фишурдаи рисола аз қабили муҳиммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, навоварии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии рисола ва дигар бахшҳои сохторӣ дарҷ гардидааст. Муҳаққиқ доир ба ҳар яке аз бандҳо маълумот дода, равиши илмии пажӯҳиши худро ба таври мухтасар асоснок кардааст.

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва адабиёти истифодашуда иборатаст.

Боби якуми рисола, «Масъалаҳои назариявӣ ва амалии истилоҳнигорӣ ва инъикоси онҳо дар истилоҳоти мусиқии забони тоҷикӣ» унвон дошта фарогири ду фасл мебошад. Муаллиф дар фасли аввали ин боб масъалаҳои назариявии истилоҳшиносиро ба таври мухтасар зикр намуда қайд кардааст, ки *«Истилоҳшиносӣ соҳаи нисбатан ҷавони илм буда, аввалин назарияҳои истилоҳшиносӣ дар лингвистикаи ҷаҳонӣ дар аввали асри XX тавассути олимони Ғарб ба миён омадаанд»* (саҳ. 6).

Дар фасли дуюми ин боби рисола марҳилаҳои асоси инкишофи истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ шарҳу тафсир ва баррасии илмӣ ёфтаанд.

Боби дуюми рисола «Роҳҳои инкишоф ва ташаккули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ» унвонгузорӣ шуда ва аз ду фаслу чор зерфасл иборат мебошад. Дар боби мазкур масъалаҳои истилоҳоти мусиқии асили тоҷикӣ, истилоҳоти иқтибосии мусиқӣ, аз ҷониби муҳаққиқ асоснок таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби сеюми диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна « Роҳ ва усулҳои истилоҳсозии мусиқии тоҷикӣ» ном дошта дар он роҳу усулҳои сохтани истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ин боб аз 6 зерфасл иборат аст. Дар зерфасли аввали ин боб усули сарфии сохтани истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Зерфаслҳои баъдии ин боб ба баррасии усули наҳвию сарфии истилоҳсозии мусиқӣ, усули сарфию наҳвии истилоҳсозии мусиқӣ, усули луғавию наҳвии истилоҳсозии мусиқӣ, усули луғавию наҳвии истилоҳсозии мусиқӣ, усули луғавию маъноии истилоҳсозии мусиқӣ, усули наҳвии истилоҳсозии мусиқӣ бахшида шудааст.

Дар қисмати хулоса муҳаққиқ андешаҳои худро ҷамъбаст намудазикр намудааст, ки «Муқаррар карда шуд, ки баъзе истилоҳоти асили мусиқӣ, реша

дар таълимоти зардуштӣ ва ҷаҳонбинии ирфонии мардуми мо доранд. Хамчунин шоистаи зикр аст, ки истилоҳоти зиёди мусиқии тоҷикӣ бо каҳрамонони асотирӣ ва падидаҳои равшани таърихии мардуми тоҷик бастагии ноғусастанӣ доранд» (саҳ.22).

Автореферати диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар асоси стандарҳои мавҷудаи илмӣ ва талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Фишурдаи мазкур бо забони фасеҳу равон буда, дар маҷмӯъ натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки мухаққиқ дар баробари эҳтиром гузоштан ба андешаи олимон бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои асарҳои илмӣ ишораҳо кардааст.

Дар автореферати Абдуллоева Заррина Фатуллоевна баъзе ғалатҳо роҳ ёфтаанд, ки қайд намудани онҳоро зарур меҳисобем:

1. Дар саҳифаи 22 Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя нашудааст (калима иқтибосии энциклопедия дар забони тоҷикӣ энсиклопедия навишта мешавад).
2. Агар хулосаҳо дар шакли ҷумлаҳои алоҳида бо рақамгузорӣ оварда мешуданд, беҳтар аст.

Дар маҷмӯъ, ғалатҳои мазкур моҳияти илмӣ ва дастовардҳои муаллифи диссертатсияро кам намекунанд ва ислоҳшаванда мебошанд.

Хулоса, тадқиқоте, ки Абдуллоева Заррина Фатуллоевна анҷом додааст, ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам аз лиҳози амалӣ дар истилоҳшиносии тоҷик, кори таҳқиқотии нав мебошад.

Дар асоси баррасиҳои боло метавон ба натиҷа расид, ки кори тадқиқотии Абдуллоева Заррина Фатуллоевна бо номи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» пажӯҳиши анҷомрасида мебошад. Автореферати он муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунад. Таълифоти муаллифи рисола ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯй буда, фарогири мавзӯи диссетатсия мебошанд.

Муаллифи диссертатсия – Абдуллоева Заррина Фатуллоевна, бо ҳимояи тадқиқоти мазкур барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22- Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо ва сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) арзанда мебошад.

***Номзади илми филолия, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгаҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ*** ***Нурхон Гадоев***

*Имзои Н. Гадоевро тасдиқ мекунам:*
***Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С. Айнӣ*** ***Д. Назаров***

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*04.04.2019*